# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

**Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Аз захираҳои замину об то амнияти озуқаворӣ: рушди кишоварзии ба тағйирёбии иқлим устувор дар Осиёи Марказӣ».**

## 14-15 ОКТЯБРИ 2026 СОЛ | ДУШАНБЕ, ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Институти илию илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» дар якҷоягӣ бо Донишгоҳи Лейбнитси Ҳанновер ба номи Готфрид Вилҳелм (Олмон) олимон, коршиносон, омӯзгорон, муҳаққиқон, докторантон ва намояндагони ҷомеаи илмиро барои иштирок дар Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Аз захираҳои замину об то амнияти озуқаворӣ: рушди кишоварзии ба тағйирёбии иқлим устувор дар Осиёи Марказӣ» даъват менамояд.

Конференсия ҳамчун платформаи байналмилалии илмӣ ва амалӣ барои муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқоти муосир ва роҳҳалҳои амалии марбут ба рушди кишоварзии ба тағйирёбии иқлим устувор, таъмини амнияти озуқаворӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, рушди иқтисоди сабз ва дигаргунсозии технологӣ дар бахши кишоварзии кишварҳои Осиёи Марказӣ пешбинӣ мегардад.

## САМТҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ КОНФЕРЕНСИЯ

- Муайян намудани солимии хок ҳамчун роҳи амалии мубориза бо таназзули замин ва тағйирёбии иқлим дар Осиёи Марказӣ.
- Ба ҳам пайвастани барқарорсозии вазифаҳои хок бо самаранокии истифодаи об, рушди кишоварзии устувор ва таъмини амнияти озуқаворӣ.
- Баррасии имкониятҳои мутобиқсозии принсипҳои кишоварзии ҳифзкунандаи хок (консервативӣ) ба низомҳои обёришаванда, камоб ва омехтаи зироаткориву чорводорӣ дар миқёси гуногун.
- Муайян намудани созишҳо ва тавозунҳои вобаста ба истифодаи об, боқимондаҳои растанӣ, хӯроки чорво, хароҷоти меҳнат, ҳосилнокии зироатҳо ва сатҳи некӯаҳволии хоҷагиҳои хонаводагӣ.
- Фарқгузорӣ байни чораҳое, ки деҳқонон метавонанд мустақилона амалӣ намоянд, ва тадбирҳое, ки татбиқи онҳо ба инфрасохтори муштарак, хизматрасониҳои машваратӣ, мониторинг ё дастгирии сиёсати давлатӣ ниёз доранд.
- Ташаккул додани маҷмӯи маҳдуди афзалиятҳои амалӣ барои ҳамкориҳои минбаъда, татбиқи чорабиниҳои намоишӣ, омӯзиш ва муколамаи сиёсӣ.

## ТАЛАБОТ БА НАШРИ МАҚОЛАҲОИ ИЛМӢ

Барои иштирок дар конференсия мақолаҳои илмии аслӣ, ки ба самтҳои эълоншудаи конференсия мувофиқ буда, натиҷаҳои таҳқиқоти мустақили муаллифро дар бар мегиранд, қабул карда мешаванд.

Мақолаҳо метавонанд ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ё англисӣ пешниҳод карда шаванд. Ҳамаи мақолаҳои воридшуда аз ҷиҳати илмӣ тақриз (рецензия) ва аз ҷиҳати таҳририй

интихоб карда мешаванд. Дар натиҷаи баргузории конференсия нашри маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ва маводи конференсия пешбинӣ мегардад.

Муҳлати пешниҳоди мақолаҳо - то 30 сентябри соли 2026, бо шумули ҳамин рӯз.

## ТАЛАБОТ БАРОИ ТАРТИБДИҲИИ МАҚОЛАҲО

- **Ҳаҷми мақола:** 8–12 саҳифаи формати A4;
- **Муҳаррири матн:** Microsoft Word (doc/.docx);
- **Шрифт ва тарҳбандӣ:** Times New Roman, андозаи 14 pt; фосилаи байнисатрӣ - 1,5; ҳошияи саҳифа аз ҳамаи тарафҳо - 2 см; фосилаи аввали сархат - 1,25 см; матни асосӣ аз рӯи паҳноии саҳифа баробар карда шавад;
- **Таҳрири мухтасар (аннотатсия):** 100-150 калима; калимаҳои калидӣ - 5–7 калима ё ибора;
- **Сохтори тавсияшавандаи мақола:** муқаддима, мавод ва усулҳои таҳқиқот, натиҷаҳо ва муҳокимаи онҳо, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда.

Барои нашр маводе қабул карда мешавад, ки дорои навгонии илмӣ, мубрамияти мавзӯъ ва натиҷаҳои таҳқиқоти мустақили муаллиф бошад.

Кумитаи тадорукот ҳуқуқ дорад маводеро, ки ба самтҳои мавзӯии конференсия, талаботи одоби академӣ ва қоидаҳои муқарраргардидаи тартибдиҳии мақолаҳо мувофиқат намекунад, барои нашр қабул накунад.

## ФОРМАТИ БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯ

*Барномаи конференсия пешбинӣ менамояд:*

- *ҷаласаи пленарии сатҳи баланд;*
- *панелҳои байналмилалии коршиносӣ;*
- *ҷаласаҳои илмии мавзӯӣ;*
- *муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот ва коркардҳои инноватсионӣ;*
- *вохӯриҳои коршиносӣ ва шарикӣ.*

## ВАҚТ ВА ҶОЙИ БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯ

**Санаи баргузорӣ:** 14-15 октябри соли 2026
**Ҷойи баргузорӣ:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, шаҳри Душанбе
**Шакли иштирок:** ҳузурӣ ва онлайн
**Забонҳои корӣ:** тоҷикӣ, русӣ, англисӣ

## ТАРТИБИ ИРСОЛИ МАВОД ВА МАЪЛУМОТ БАРОИ ТАМОС

Мақолаҳо ва маълумот дар бораи муаллифон ба таври электронӣ бо масъулини «Конференсияи байналмилалӣ – 2026» ирсол карда мешаванд.

**Шахси масъул барои тамос:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Арабов Фирдавс Пулодович.

**Шахси масъул:** д.э.н., профессор Арабов Фирдавс Пулодович
**Тел.:** (+992) 918-72-28-29
**E-mail:** pulodzoda.fp@gmail.com